**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктои фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

Адабиёти классикии форсу тоҷик дар баробари таърихи тулонию қадима доштан, аз лиҳози мазмуну муҳтаво, анвои адабӣ, равандҳои сабкию бадеӣ хеле рангину пурғановат аст. Яке аз шохаҳои пурбори ин адабиёти насри ирфонӣ мебошад, ки он то замони мо камтар таваҷҷуҳи аҳли таҳқикро ҷалб карда буд. Вале дар замони Истиқлол барои омӯзиш, таҳқиқ ва интишори ин ганҷинаи бузурги адабиёти классикӣ шароити мусоид фароҳам омад. Ҳоло муҳаққиқон беш аз пеш ба омӯзишу нашри осори ирфонии адабиёти тоҷик машғуланд, ки ин, воқеан, иқдоми фарҳангпарварона мебошад, ки намунаи он диссертатсияи Ҷ. Наҷотзода мебошад. Ба назари мо, ба таҳқиқ омадани «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ барои шинохти мукаммалтару фарогиртари насри ирфонии адабиёти тоҷик роҳ мекушояд. Диссертант зарурат ва муҳиммияти омӯзиши насри ирфонӣ, аз ҷумла «Рисолаи қушайрия»-ро дар муқаддимаи таҳқиқоташ муфассал тавзеҳ додааст. Вай қайд мекунад, ки «Рисолаи қушайрия» яке аз нахустин китобҳо дар боби мавзуъҳои мухталифи тасаввуф аст, ки дар дарозои таърих ба унвони яке аз ҷомеътарин ва устувортарин таълифот дар заминаи осори ирфонӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарию адабии ин асари пурарзиш дар шинохту маърифати осори ирфонии классикони мо нақши калидӣ мебозад.

Диссертант дар боби якуми диссертатсия, ки **«Ҷойгоҳи Абулқосими Қушайрӣ ва «Рисолаи қушайрия»-и ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ»** унвон дорад, масъалаи нуфуз ва шаклгирии мактабҳои ирфониро дар адабиёти тиоҷик тавзеҳ намуда, таъкид медорад, ки дар асри XI дар шаҳрҳои Нишопур, Марв, Бухоро, Самарқанд, Тирмиз ва ғайра пешвоёни маъруфи тасаввуф зиндагӣ ва эҷод мекарданд ва онҳо дар рушди адабиёти ирфонӣ нақши калон бозиданд.

Илова бар ин, дар фаслҳои алоҳидаи боби мазкур рӯзгору осори Қушайрӣ ва сохтору муҳтавои «Рисолаи қушайрия» муфассал баррасӣ мешавад, ки он хонандаро ҳам бо шахсият, мақому мартабаи маънавии муаллифи китоб ва ҳам ба муҳтавои он ошно месозад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Баррасии тарҷумаҳо ва шарҳи форсӣ-тоҷикии «Рисолаи қушайрия»** номгузорӣ мешавад, дар мавриди

чанд тарҷума ва шарҳи ин асар маълумот пешниҳод мегардад, ки он, воқеан, тоза ва натоиҷи ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқ аст. Диссертант таъкид мекунад, ки огоҳии форсизабонон аз «Рисолаи қушайрия» дар тули таърих тавассути ду тарҷумаи он ва шарҳи Гесӯдароз будааст. Тарҷумаи аввал, агар ба қалами Абуалии Усмонӣ тааллуқ дошта бошад, онро дубора Абулфутуҳи Нишопурӣ бо ислоҳу такмил баъдан ба анҷом расонидааст. Ба андешаи диссертант тарҷумаи дуюм, ки комилтар аст, шоистаи омӯзиш ва таҳқиқу интишор мебошад.

Масъалаи ҳусну фазилатҳои адабии осори мазкур дар фаслҳои алоҳидаи боби сеюм, ки «**Вижагиҳои сабкӣ ва бадеии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»** номгузорӣ шудааст, баррасӣ мегардад. Диссертант зимни таҳсили забону сабки асари номбурда собит месозад, ки тарҷумаи «Рисолаи қушайрия» дар сабки хуросонӣ, ки хеле содаю зебост, анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ барои исботи ин андеша мухтассоти сабкии «Рисолаи қушайрия»-ро дар беш аз даҳ банд тавзеҳ мекунад, ки он арзиши илмии боби мазкурро меафзояд. Вай аз баҳсу баррасиҳои фарогир дар атрофи масоили забону сабки китоби мавриди назар ба чунин хулосаи қобили эътимод мерасад: «Забони баёни Қушайрӣ, маҷмуан, дар ҳикоёташ бо мавзуи китоб, ки таълими ақоиду орои суфия аст, мувофиқат дорад ва забони қаҳрамонҳо низ ҳамон забони ҷиддӣ ва олимонаи қушайриёт». Ҳикоятҳои китоби мазкур бо мақсади пандомӯзӣ, осон намудани матолиби ирфонӣ, муаррифии шахсиятҳои маъруф, таъмини муассирияти калом ва ғайра дар байни мавзуоти китоб ҷой дода шудааст.

Дар маҷмуъ, «Рисолаи қушайрия» бо мазмуну муҳтавои ҷолиб ва сохтори адабию бадеияш дар инкишофи насри ирфонии форсиии тоҷикӣ нақши муҳим бозидааст ва он, бешубҳа, шоистаи омӯзиш ва таҳқиқ мебошад.

Дар баробари муҳассатоти мазкур дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия, дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ моҳияти таҳқиқоти Бертелс, Фурӯзонфар, Равзатиён, Муҳаббатӣ ва дигарон нишон дода мешуд, беҳтар мебуд.

2. Агар дар боби дуюми диссертатсия тарҷумаҳои «Рисолаи қушайрия» ба таври қиёсӣ баррасӣ мегардид, арзиши илмии таҳқиқоти мазкур меафзуд.

Эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсияро кам намесозанд ва онҳо характери тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Наҷотзода Ҷамшед Нарзулло «Арзишҳои адабии тарҷумаи форсии «Рисолаи қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ» таҳқиқоти банҷомрасида буда, он ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар

маводди илмӣ, ҳамчунин, муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктои фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ) мебошад.

**Такриздиҳанда:** доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ашурова Нодира Ҷумаевна

04.08.2026

Нишонӣ: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ориёно, 2/28
E-mail: shokhnoma@mail.ru
Тел: (+992) 918133849

Имзои Н.Ҷ. Ашуроваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Миралӣ Абдусамад

04.08.2026

Нишонӣ: 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
E-mail: info@kgu.tj
Тел: (833-22) 2-35-06

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС